Раво нест рехтани хуни фарди мусалмон, магар ба яке аз се чиз

Аз Ибни Масъуд (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд: "Раво нест рехтани хуни фарди мусалмон, магар ба яке аз се чиз: зан ё марди издивоҷ кардаи зинокор ва (қатли) ҷоне ба (қасоси) ҷон (-и дигар) ва касе, ки тарки дини худ кунад ва аз ҷамъияти мусалмонон ҷудо шавад".
[Саҳеҳ] [متفق عليه]

Паёмбари Худо (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) баён намуданд, ки хуни мусалмон ҳаром аст, магар дар ин се ҳолат: Аввал: Касе, ки пас аз издивоҷи саҳеҳ (яъне бо ақди дуруст ва шаръӣ) даст ба фоҳишагии зино занад, чунин шахс барояш ҷазои қатл тавассути сангсор (раҷм) ҷорӣ мегардад. Дувум: Касе, ки як инсони маъсумро қасдан ва ноҳақ бикушад. Бо фароҳам шудани шароити қасос, (қотил) кушта мешавад (яъне барояш ҷазои қатл бо қасос татбиқ мегардад). Сеюм: Касе, ки аз ҷамоати мусалмонон хориҷ шавад, хоҳ бо тарки дини Ислом ба куллӣ (яъне, комил аз Ислом рӯй гардондан), ё ҷузъӣ (яъне, тарки баъзе аз аҳкоми дин) бошад, монанди исёнгарон, роҳзанҳо ва муҳорибон аз гурӯҳи хавориҷ ва ғайра.

http://www.sunnah.global/hadeeth/tg/show/4714